«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С.
______________
« » 07 2024.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Олимов Умедҷон Махмадшоевич дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

### I. Мубрамият ва аҳамияти мавзуи интихобшуда

Мавзуи кори диссертатсионии Олимов Умедҷон Маҳмадшоевичро дар шароити муосири иқтисодӣ хеле муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст. Зеро дар солҳои охир низоми бонкии кишвар рушди назаррасро нишон дод, аммо дар он мушкилотҳое боқӣ мондааст, ки таваҷҷӯҳ ва ҳалли онҳоро талаб мекунанд. Низоми бонкӣ дар маблағгузории иқтисодиёт нақши калидӣ дошта, ба рушди минбаъдаи он мусоидат менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди низоми бонкӣ ба баланд бардоштани дастрасии корхонаҳо ва аҳолӣ ба воситаҳои молиявию қарзӣ медиҳад, ки ин дар навбати худ ба истеҳсолот таъсири худро мерасонад. Ҷанбаи муҳим ин баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Зеро ҳанӯз шумораи зиёди аҳолӣ суратҳисобҳои бонкӣ ё ба воситаҳои қарзӣ дастрасӣ надоранд.

Татбиқи технологияҳои муосир ва рақамисозии хизматрасониҳои бонкӣ самтҳои муҳими рушд мебошанд, ки ворилнамоии он имкон медиҳад, ки хароҷоти хизматрасонӣ ба мизоҷон кам карда шавад, сифати хизматрасониҳо беҳтар карда шавад ва бехатарии амалиёт таъмин карда шавад. Навовариҳои технологӣ дар соҳаи бонкӣ метавонанд самаранокии бонкҳоро ба таври назаррас афзоиш диҳанд ва талаботи афзояндаи муштариёнро дар ҳалли қулай ва зудтари молиявӣ қонеъ гардонанд. Сифат ва самаранокии низоми бонкӣ бевосита ба суботи макроиқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Рушди низоми бонкӣ ба таҳкими институтҳои молиявӣ ва баланд бардоштани устуворӣ ба шокҳои иқтисодии беруна ва дохилӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, омӯзишу таҳлили вазъи кунунӣ ва дурнамои

рушди низоми бонкии Тоҷикистон аз нуктаи назари рушди дарозмуддати иқтисодиву иҷтимоии мамлакат вазифаи муҳим мебошад.

## II. Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Мавзуи диссертатсияи Олимов У.М. ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд: 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаи ниҳодии тараққиёти бахши бонкӣ ва робитаи он бо БМТ; 10.5. Устувории системаи бонкии ҶТ ва стратегияи рушди он; 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии ҶТ. 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Муаммоҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ.

## III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Кори диссертатсионӣ фарогири таҳқиқоти муҳим буда, дар он масъалаҳои мубрами низоми бонкӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаи илмӣ асоснок карда шудааст. Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои боэътимоди назариявӣ ва омории дахлдор истифода намуда, роҳҳои асосии мукаммал кардани низоми бонкиро муайян кардааст. Натиҷаҳои илмӣ ва амалии ба дастомада муқарраротҳи методологиро оид ба беҳтар намудани фаъолияти бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо, нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ ва бозори молиявиро анҷом дод.

Чи тавре, ки аз мундариҷаи кори илмии Олимов У.М. маълум гаштааст, ки диссертатсияи пешниҳодшуда аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 176 номгӯй иборат мебошад. Диссертатсия аз 171 саҳифаи матни чопӣ иборат буда, 4 диаграмма, 2 расм, 19 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва аҳамияти илмии масъалаҳои баррасишаванда асоснок шуда, ҳадафҳо, объект ва предмети тадқиқот муайян гардида, нуктаҳои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии

натичаҳои илмии баластомада асоснок гардида, маълумот дар бораи тасвиб ва интишороти муаллифи кори диссертатсионӣ оварда шудааст.

Дар боби якум «Ҷанбаҳои илмии ташаккулёбӣ ва рушди низоми бонкӣ» масъалаҳои назариявии ташаккулёбии низоми бонкӣ ва махсусияти ташаккулёбӣ ва рушди низоми бонкӣ дар шароити бозор баррасӣ гардида, инчунин таҷрибаи ташкил ва рушди низоми бонкии кишварҳои хориҷӣ дар амалияи ҷаҳонӣ омӯхта шудааст.

Дар қисмати назариявии таҳқиқот муаллиф низоми бонкиро таҳқиқ намуда, пас аз таҳқиқ ба хулоса омада таърифи худро ҳамчун таърифи коркардкардашуда пешниҳод намудааст. (саҳ. 17-24)

Муаллиф дар таҳқиқот исбот намудааст, дар шароити кушод будани системаи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ ва нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ хеле меафзояд. Дар тамоми давраи дигаргунсозии бозор бонкҳо ба қувваи пешбарандае табдил ёфтанд, ки ба равандҳи иқтисодӣ ва рушди кулли иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Маҳз тавассути муассисаҳои молиявӣ, бахусус ба воситаи бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ қарздиҳӣ ва маблағгузории соҳибкории хурду миёна, саноат, савдо, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт амалӣ карда мешавад (саҳ. 25-30)

Дар кори диссертатсионӣ ҳамчунин муайян карда шудааст, ки вазифаи аввалиндараҷаи давлат танзим, баркарор ва баргардонидани эътимоди муштариён ба бахши бонкӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки низоми бонкии Тоҷикистон пас аз даҳсолаи дуюми соҳибихтиёрӣ ба рушду такомул шуруъ намуда, ҳатто суръати баланди рушдро нишон дод ва ба ин васила ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат намуд (саҳ. 34-38).

Муаллиф дар асоси омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими низоми бонкӣ қайд кардааст, ки таърих ва таҷрибаи ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки бахши бонкӣ на танҳо ба қувваи пешбарандаи ҳаёти иқтисодии кишварҳои алоҳида, балки ба муҳимтарин унсури рушди иқтисоди ҷаҳонӣ низ табдил ёфтааст. Вобаста ба ин, омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди низоми бонкии кишварҳои хориҷӣ барои илми иқтисодии кишвар аҳаммияти калон пайдо мекунад.

Дар боби дуюм "Ҳолати муосир ва таҳлили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон" рушди низоми бонкии кишвар таҳлил гашта, шароит ва омилҳои муайянкунандаи рушди низоми бонкии кишвар ошкор гардидааст, инчунин, дар боби мазкур нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки яке аз бахшҳои муҳимми хизматрасонии бонкӣ бозори пасандозҳои бонкӣ мебошад, ки сатҳи эътимоди мардум ба ниҳодҳои молиявӣ ва самаранокии низоми бонкии ҳар давлатро низ муайян мекунад. Маҳз афзоиши пасандозҳо дар шароити ноустувории асъор мувозинатро дар бозори молиявӣ таъмин мекунад. Тавре маълум аст, байни ташкилотҳои маблағгузории хурд ва тиҷоратӣ барои пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ рақобат вуҷуд дорад (саҳ. 57-61).

Дар кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст, муассисаҳои молиявӣ на танҳо дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ, балки дар шароити бӯҳрон ва номуайянӣ низ қувваи пешбарандаи фаъолияти иқтисодии кишвар мебошанд (саҳ. 63-68).

Дастоварди муҳими дигар ин сармоягузории қарзӣ мебошад, ки ин яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди муътадили иқтисодӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ, афзун намудани иқтидори содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар кишвар мебошад (саҳ. 70-78).

Дар боби мазкур муаллиф дуруст қайд менамояд, ки низоми бонкии кишвар, ки дар бахши молиявии иқтисодиёт мавқеи марказиро ишғол мекунад, ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири калон расонида, нишон дод, ки ташкилотҳои молиявию қарзӣ аз рӯзҳои аввали ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар системаи фаъолияти хоҷагидорӣ мавқеи ҳалкунанда доранд. Бонкҳои тиҷоратӣ, ки фаъолияти бонкиро пеш мебаранд, захираҳои молиявиро дар байни иштирокчиёни бозор тақсим карда, проблемаҳои иҷтимоию иқтисодии кишварро ҳал мекунанд. (саҳ. 91-98).

Дар боби сеюм "Такмили низоми бонкӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ" самтҳои афзалиятноки рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардида, масъалаҳои ташаккули стратегияи рушди низоми бонкӣ дар кишвар баррасӣ гардидааст. Инчунин дар ин боб роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки танзими босамари муносибатҳои молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, баланд бардоштани устувории ташкилотҳои молиявӣ, тавсеаи рақобат ва либерализатсияи бахши молиявӣ, таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр намудани кадрҳои соҳибихтисос, такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ нигаронида шудааст ва аз ҳама бурду бохтҳо, вазъият ҳамеша аз нишондиҳандаҳои

асосӣ вобаста хоҳад буд ва вазъи низоми бонкӣ мушкил бокӣ мемонад (саҳ. 105-110)

Таҳқиқоти анҷомдода исбот намудааст, ки дар шароити коҳиши нишондодҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла тавозуни пардохти кишвар ва бекурбшавии пули миллӣ, боиси афзоиши қарз ва касри буҷа мешавад. Албатта, дар ин замина вазъи низоми бонкии ҳар кишвар печида шуда, ислоҳоти ҷиддӣ ва танзими муассири давлатиро тақозо мекунад. Барои рушди низоми бонкӣ ҳамаи муассисаҳои молиявиро зарур аст, ки захираҳои молиявӣ ва дороиҳои худро зиёд кунанд, амалиётҳои қарзӣ ва хизматрасонии бонкиро васеъ намоянд (саҳ. 116-122).

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои илмӣ оварда шудаанд.

Таҳлили кори диссертатсионии тақризшаванда нишон медиҳад, ки натиҷаҳои ба дастомада дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда масъалаҳои мубрами низоми бонкӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳодҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои даҳлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, асос меёбанд.

## IV. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Навгонии илмӣ дар таҳқиқоти рисола таҳияи самтҳои асосии рушди низоми бонкиро дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ дар бар мегирад.

Дастовардҳои муҳимтарине, ки муаллиф зимни таҳқиқот ба даст оварда ба ҳимоя пешниҳод менамояд, инҳо ба шумор мераванд:

- муаллиф дар асоси омӯзиши равишҳои мавҷуда асосҳои умумии эволютсияи назариявии фаъолияти бонкӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар дар шароити муосир ошкор кардааст.

-умвонҷӯ хусусиятҳои ташаккули низоми бонкӣ дар шароити рушди

иқтисодиёти миллӣ ва таҷрибаи ташкили рушди низоми бонкии кишварҳои хориҷӣ ошкор ва омӯхтааст;

- дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф ҳолати муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароитҳо ва омилҳое, ки ба рушди бахши низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисоди бозаргонӣ таъсир мерасонанд, муайян шудаанд;

- муаллиф зимни таҳияи рисолаи худ нақш ва мақоми низоми бонкӣ ҳамчун механизми муҳимтарини ташкили низоми молиявии рушди фаъолияти иқтисодиёти кишвар арзёбӣ кардааст;

- муаллиф тавсияҳо оиди такмилдиҳии низоми бонкӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти кишвар коркард кардааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки истифодаи амалии тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмӯи чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба устувор намудани низоми бонкӣ татбиқ карда шаванд.

## V. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Пас аз экспертизаи диссертатсияи мазкур бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Олимов Умедҷон Махмадшоевич ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 7 кори илмӣ, аз ҷумла 3 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,0 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Автореферат ва корҳои илмии муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамоянд.

## VI. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ

Дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудӣ ва норасогиҳо ба чашм мерасанд, ки инҳо мебошанд:

1. Дар боби якуми диссертатсия "Ҷанбаҳои илмии ташаккулёбӣ ва рушди низоми бонкӣ" муаллиф оид ба адабиётҳои назариявӣ кам таваҷҷуҳ додааст.

2. Хуб мешуд агар муаллифи диссертатсия оид ба мафҳуми низоми бонкӣ акидаи худро меовард.

3. Муаллиф дар асоси таҳқиқоти худ ҷадвалҳоро овардааст, ки танҳо солҳои 2021-2022 оварда шудааст. Хуб мешуд барои таҳлили амиқ солҳои на кам аз 2015-2023 оварда мешуданд.

4. Чӣ тавре, ки аз зербоби 1.3. бармеояд, дар он таҷрибаи хориҷӣ таҳти омӯзиш карор гирифтааст, аксарият таҷриба аз давлатҳои пешқадам оварда шудааст. Хубтар мешуд агар муаллиф дар ин зербоб таҷрибаи давлатҳое, ки вазъи иктисодиашон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд ҳастанд меовард.

5. Чи тавре, ки аз экспертизаи диссертатсия бармеояд, муаллиф бештар ба адабиётҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

6. Хубтар мебуд агар диссертант роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкиро ба таври пурра нишон медод. Пешниҳодҳои муаллиф доир ба мукаммалгардонии низоми бонкӣ асоснок нестанд.

Камбудӣ ва эродҳои дар боло овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

### VII. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кори диссертатсионии Олимов У.М. кори анҷомшудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар таввсеаи асосҳои назариявӣ ва методии рушди низоми бонкӣ саҳми калон дорад.

Хулоса, кори диссертатсионии Олимов Умедҷон Махмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Олимов Умедҷон Махмадшоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор - 9 нафар; зид –нест; бетараф – нест (Суратҷаласаи №11 аз 29.06.2024.).

**Раиси ҷаласа, и в. мудири кафедраи**
**кори бонкии ДМТ**
**н.и.и., дотсент** **Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**Ташхисгар:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи**
**кори бонкии ДМТ** **Сайфуров К.Ф.**

**Котиби ҷаласа**
**муаллими калони кафедраи**
**кори бонкии ДМТ** **Одинаев С.П.**

**Имзоҳои Ғаюров Ғ.Ҳ., Сайфуров К.Ф.**
**ва Одинаев С.П.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

*Суроға:* 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17
Тел.: (+992) 221-62-25
*E-mail:* info@tnu.tj
*Сомонаи расмӣ:* https://www.tnu.tj/